# 173 - Муҳаббат ба хотири Аллоҳ

**савол**

Эй шайхи азизамон, ман ягон савол надорам, фақат гуфтаниам, ки ман шуморо ба хотири Аллоҳ дӯст медорам ва аз Аллоҳ хоҳонам, ки шуморо дар дунёву охират муваффақ гардонад.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Эй бародарам, Аллоҳ таъоло ба хотири амал намудан ба суннат бароятон подоши некӯ бидиҳад.

Миқдом ибни Маъдӣ Кариб ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд: **«Ҳар гоҳ касе аз шумо бародари худро дӯст дорад, пас инро ба ӯ хабар бидиҳад»**. Тирмизӣ ин ҳадисро ривоят карда, гуфтааст: Ҳадиси ҳасану саҳеҳ аст.

Аз Анас ибни Молик (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки гуфт: Дар назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нишаста будам, ки марде аз он ҷо гузашт. Яке аз ҳозирин гуфт: Эй расулуллоҳ, ман ин мардро дӯст медорам. Паёмбар фармуд: Оё ба ӯ хабар додӣ? Гуфт: На. Паёмбар ба ӯ гуфт: «**Бархез ва ба ӯ хабар бидеҳ»**. Он мард бархост ва ба назди он шахс рафта, гуфт: Эй фалонӣ, савганд ба Аллоҳ, ман туро ба хотири Аллоҳ дӯст медорам. Он шахс дар посух гуфт: Он зоте, ки маро ба хотири Ӯ дӯст доштӣ, туро дӯст дорад. Ривояти Имом Аҳмад ва Абудовуд ва ин ҳадиси саҳеҳ аст.

Ман ба ту мегӯям: Аллоҳ, ки маро ба хотири Ӯ дӯст доштӣ, туро дӯст дорад.